**ЛОИҲАИ ГРАНТИИ «ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ОМОРИ МИЛЛӢ»**

**ECASTAT № TF017852»**

**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**AGENCY ON STATISTICS UNDER THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

# ҲИСОБОТ

## ОИДИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ИНТИХОБИИ ЯКВАҚТАИНАИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ОБ ДАР КИШОВАРЗӢ ВА САНОАТИ ИСТИХРОҶУ КОРКАРД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2016

- 2017 -

Таҳлили мазкур таҳти роҳбарии Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Г.К. омода шудааст.

Масъули чоп: Хоҷаев З.А.

***Ҳайати таҳририя:***

*Ҳасанзода Г.К. – Раиси ҳайати таҳририя,*

*Шокирзода Ш.Ш.- Муовини Раиси ҳайати таҳририя*

*Аъзоёни ҳайати таҳририя:*

*Давлатзода Қ., Одилзода У., Қосимов Х.М., Ғафуров Ш., Хоҷаев З.А., Қулов А.Н., Асматбеков Ф.Я., Наҷибуллоев А.Қ., Раҷабова Н.С.*

@ *Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017*

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон миннатдории худро ба лоиҳаи «Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор» ECASTAT барои дастгирии молиявӣ ҷиҳати гузаронидани таҳқиқоти мазкур, инчунин ҷалби мушовири байналмилалӣ оид ба таҳқиқоти истифодабарандагони об аз кишвари Лаҳистон, ҷаноби Павел Бартосзюк бо мақсади расонидани ёрии методологӣ ва пешниҳоди тавсияҳо барои гузаронидани ин таҳқиқот, иброз менамояд.

Гурӯҳи татбиқгарони таҳқиқоти мазкур ба Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Г.К. барои дастгирии пайваста дар фаъолияти инноватсионӣ дар самти методологияи омори кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист миннатдории худро иброз медоранд.

Ҳамчунин, ба иштирокчиёни таҳқиқот изҳори миннатдорӣ карда мешавад:

Ба менеҷер – Одилзода У.

Ба мушовирони маҳаллӣ: Тураев Б.Т., Алиев Қ.А., Исоев Ҳ., Ҷураев А. Қурбонов Т.А.

Ба барномасоз – Бекназаров Ҷ.

Ба супервайзерон:

Давлатов С., Неъмонов М., Ҳамроев Б., Мусоев М., Алихонов Б., Қурбонова З. ва Шарипов С.

| | |
|---|---|
| **Тел:** | (+992372) 227-81-14 |
| **Факс:** | (+374 10) 227-81-14 |
| **E-mail:** | stat@tojikiston.com |
| **Web site:** | http://www.stat.tj |

***Ихтисороти қабулшуда:***

| | |
|---|---|
| АО | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВВП/ММД | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| ОКЭД/ТУНФИ | Таснифоти умумии намуди фаъолияти иқтисодӣ |
| КПЭД/ТМФИ | Таснифоти Маҳсулоти Фаъолияти Иқтисодӣ |
| СМИ\ВАО | Васоити ахбори омма |
| СНГ/ИДМ | Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил |
| НСРС/СМРО | Стратегияи Миллии Рушди Омор |
| РТ/ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| РРП/НТҶ | Ноҳияҳои Тобеи Ҷумҳурӣ |
| ГБАО/ВМКБ | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон |
| МКВК/ККБХО | Комиссияи Кумитаи Байнидавлатии Хоҷагии об |
| СНС/СҲМ | Системаи Ҳисобҳои Миллӣ |
| TAJSTAT/ҶТСМО | Лоиҳаи Татбиқи Стратегияи рушди омори миллӣ |
| ВБ/БУ | Бонки умумиҷаҳонӣ |
| Тыс. | Ҳазор |
| млн. | Миллион |
| Га | Гектар |
| % | Фоиз |

МУНДАРИҶА

стр
**Сарсухан……………………………………………………………………..** 6
**Таҳлили ҳолати кунунӣ…**………………………………………………… 9
Ифлосшавии иншооти обӣ……………………………………………….. 9
**I. Таҳқиқоти истифодабарандагони об………………………………..** 18
1.1 Ҳадаф ва вазифаҳои тахқиқот…………………………………………. 18
1.2 Сохтор ва давраҳои таҳқиқот………………………………….. 20
1.3 Ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот……………………………………… 21
1.4 Тарзи (дизайни) интихоб……………………………………………… 23
**II. Қисмати таҳлилӣ………………………………………………………** 35
2.1 Натиҷаҳои таҳқиқот……………………………………………………... 35
**III. Хулосаҳо……………………………………………………………** 38
**IV. Замимаҳо………………………………………………………………** 41
ЗАМИМАИ 1……………………………………………………………….. 42
Ҷадвали 1. Меъёри солонаи масрафи об аз ҳамаи манбаъҳо……………... 42
Ҷадвали 2. Ҳаҷми ҳақиқии масрафи об аз ҳамаи манбаъҳои табиӣ…….. 44
Ҷадвали 3. Миқдори оби тозаи масрафшуда аз манбаъҳои табиии оби зеризаминӣ ва рӯизаминӣ барои истифодабарӣ……………………….. 46
аз ҷумла:
Аз манбаъҳои рӯи заминӣ……………………………………… 48
Аз манбаъҳои зеризаминӣ……………………………………….. 50
Ҷадвали 4. Истифодаи об аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар корхонаҳои саноатӣ…………………………………………………… 52
аз ҷумла:
Дар саноати истихроҷ……………………………………………. 54
Дар саноати коркард………………………………………………. 56
Ҷадвали 5. Кишоварзӣ – ҳамагӣ………………………………….. 58
а) Ҳаҷми об барои обёрӣ………………………………………………….. 58
аз ҷумла:
ҳаҷми об барои обёрии пахта…………………………………….. 60
ҳаҷми об барои обёрии картошка…………………………………… 62
ҳаҷми об барои обёрии сабзавот…………………………………… 64

ҳаҷми об барои обёрии гандум………………………..……… 66
ҳаҷми об барои обёрии шолӣ…..………………….…............ 68
ҳаҷми об барои обёрии дигар намуди зироатҳои кишоварзӣ… 70
б) ҳаҷми об барои (оббарории) чарогоҳҳо…………………………..……… 72
в) ҳаҷми об барои эҳтиёҷоти чорвопарварӣ……………………..……….. 74
г) барои эҳтиёҷоти нӯшокӣ(истеъмолӣ) ва хоҷагидории аҳолии деҳот… 76
д) барои дигар мақсадҳо…………………………………………………...... 78
Ҷадвали 6. Истифодаи об………………………………………………….. 80
аз ҷумла:
а) барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ………………………………… 82
б) барои эҳтиёҷоти нӯшиданӣ (ошомиданӣ, истеъмолӣ) ва
хоҷагидорӣ ……………………………………………………………….. 84
в) барои обёрӣ ва обтаъминкунии кишоварзӣ ……………….. 86
Ҷадвали 7. Обҳои бозгашта ва истифодаи мунтазам……….…………... 88
Ҷадвали 8. Партофтани обҳои ифлос аз корхонаҳои саноатӣ ба
обанборҳои рӯи заминӣ…....……………………………………………... 90
аз ҷумла:
сулфатҳо……………………………………………….......... 91
хлоридҳо…..……………………………………………………… 92
равған ва чарбу…..…………………………………………..… 93
Ҷадвал 9. Талафот ҳангоми ҳамлу нақл…………………………………... 94
Шумораи умумии коргарони корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои
кишоварзӣ……………………………………………………………….. 96
аз ҷумла, занон……………..………………………………………..…… 98
аз рӯи ҷинсият, роҳбарони хоҷагӣ…..……………….……….. 100
ЗАМИМАИ 2. Саволнома ва дигар васоити (маводҳои) таҳқиқот…… 104

# Сарсухан

Дар давраи сипаришудаи ислоҳоти иқтисодӣ, дар ҳамаи соҳаҳои иқтисод бисёр дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд, ки мутобиқшавии иқтисодиёти мамлакат ба низоми иқтисоди ҷаҳониро талаб менамоянд.

Дар давраи ҷаҳонишавӣ, рушди босуръат ва вусъатёбии муносибатҳои бозорӣ, соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёт ва намуди фаъолияти прогрессивӣ гардида, ҳамаи қишрҳои аҳолиро дар бар гирифтааст. Ҳиссаи ин бахш дар ҳаҷми умумии Маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат 21,3 фоизро ташкил медиҳад. Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои нисбатан устувори пуркунандаи буҷаи давлат бо маблағҳои пулӣ мебошад. Илова ба ин фаъолияти соҳаи кишоварзӣ ба ташкили ҷойҳои иловагии корӣ ва афзоиши сатҳи шуғли аҳолӣ мусоидат мекунад.

Кишоварзӣ асосии устувории давлатро ташаккул дода, ҳамчун соҳаи муҳими буҷетофар мебошад, ки ба рушди минтақаҳои алоҳидаи мамлакат саҳми калон мегузорад. Рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба афзоиши фаъолияти соҳибкории аҳолӣ ва натиҷабахшии барномаҳои мониторинги соҳибкории хурд мусоидат мекунад.

То гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ ҳиссаи хоси ташкилотҳои давлатӣ хеле баланд арзёбӣ мегаштанд. Дар давраи баъдина ташкили сектори хусусӣ ва ба миён омадани шумораи зиёди хоҷагиҳои деҳқонӣ дар назди омори захираҳои обӣ вазифаҳои нав оид ба андозагирии воқеии истифодабарии захираҳои обӣ ва нархгузории обиро ба миён овард.

Барои мушоҳида ва баҳодиҳии ин раванд, аз соли 1995 дар Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоби нишондодҳои асосии Системаи ҳисобҳои миллӣ (СҲМ) дар асоси «СҲМ - 93» ҷорӣ гардид. Барои таъмин бо иттилооти эътимодноки оморӣ, зарур аст, ки сифати маълумотҳои СҲМ, дар маҷмӯъ дар сатҳи иқтисодиёт ва соҳаҳои алоҳидаи он, тариқи аз нав дида баромадани усулҳои ҷамъоварии ахбороти аввалия, ворид намудани стандартҳо ва таснифотҳои нав, такмил дода шавад.

Тасҳеҳу баробаркунии иттилоот дар сатҳи нисбатан фардии агрегатсияи СҲМ метавонад дар ҳолати ворид намудани «*Ҷадвалҳои стандартии нишондиҳандаҳои ҷисмии захираҳо ва истифодабарии об* ва *Ҷадвали омехтаи захираҳо ва истифодабарӣ*» ба даст ояд. Ин ҷадвалҳо таҳлилкунии алоқа миёни якчанд бахшҳои иқтисодиётро имконпазир мегардонанд.

Яке аз зерқисматҳои муҳими ин ҷадвалҳо маълумот оид ба захираҳои обӣ мебошанд, ки яке аз бахшҳои асосии омори ҳифзи муҳити зист ба ҳисоб меравад.

Мавриди зикр аст, ки кадастри об дар Ҷумурии Тоҷикистон охирон маротиба соли 2003 –юм гузаронида шуда буд. Ба даст овардани маълумоти ибтидоӣ ҷиҳати муайян кардани кадастри об дар ҷумҳурӣ, барои тартиб додани ҳисобҳои миллӣ ва ҳисобкунии ММД зарур аст.

Қобили зикр аст, ки Агентии омор чандин маротиба ба афзалиятнокии гузаронидани таҳқиқоти истифодабарандагони об таъкид намуда буд.

Вазифаҳои таҳқиқоти мазкур аз ҷамъоварии иттилооти илман асосноккардашуда барои ҳисоби пешбурди кадастри об иборат буданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои ҳамоҳангкунии маълумотҳои оморӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ имконият медиҳад, инчунин барои ҳисобҳои Системаи ҳисобҳои миллӣ истифода мегарданд.

Ин ба Агентии омор чунин имкониятҳоро медиҳад:

- беҳтар намудани хазинаи маълумотҳои системаи ҳисобҳои миллӣ бо нишондиҳандаҳои нави истифодабарии об;

- ба даст овардани маълумоти саривақтӣ оид ба захираҳои обӣ аз рӯи сохтори зарурӣ;

- беҳтар гардонидани ҳисобҳо ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ бо маълумотҳои нави иловагӣ оид ба ҳифзи муҳити зист;

- истифода намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷадвали «Захираҳо ва истифодабарӣ».

Натиҷаҳои таҳқиқот ҳам аз тарафи мушовири байналмилалӣ, ҳам аз ҷониби намояндагони Пажӯҳишгоҳи Илмӣ - Таҳқиқотии гидрология ва мелиоратсия - Тоҷик ПИТГМ, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуда аз ҷониби онҳо ба Агентии омор барои гузаронидани ин таҳқиқот изҳори миннатдорӣ карда шуд, зеро дар натиҷаи таҳқиқот, ҳадафи асосӣ – иттилоот оид ба захираҳои обӣ ва истифодаи он дар соҳаҳои мухталиф ба даст омаданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ВАО дар ҷаласаи гурӯҳи кории байниидоравӣ муҳокима карда шуда буданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот (махзани иттилоот) дар охири коркард ва таҳлили таҳқиқот ба Пажӯҳишгоҳи Илмӣ – таҳқиқотии гидрология ва мелиоратсияи Тоҷикистон ва Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи минбаъда пешниҳод карда мешаванд.

# ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ КУНУНӢ

## Ифлосшавии иншооти обӣ

Дар даҳсолаи охир, бо сабаби қисман беҳтар гардидани иншоотҳои тозакунандаи истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ, ифлосшавии захираҳои обӣ аз рӯи нишондодҳои кимиёвӣ ва биологӣ нисбатан поён рафтааст. Партови обҳои ҷорӣ дар объектҳо дар давраи солҳои 2010 – 2015 аз 4,6 км$^3$ то 4,09 км$^3$ ихтисор гардиданд.

Дар баробари ин, бо афзоиши шумораи аҳолии кишвар ва болоравии соҳаҳои иқтисодиёт, пеш аз ҳама аз истифодаи зиёд ва фарсудашавии таҷҳизоти технологӣ, шуста шудани ҳавзҳои иншоотҳои канализатсиониву тозакунанда дар як қатор шаҳру ноҳияҳои наздики манотиқи обанборҳо ва муассисаҳое, ки қудрати аз лиҳози иқтисодӣ нигоҳдорӣ ва рушди системаи хоҷагиҳои обиро надоранд, хатари бадшавии ҳолати захираҳои обӣ вуҷуд дорад.

Ифлосшавии иншооти обӣ дар ҳудуди Тоҷикистон нобаробар ба амал омада, аз хусусиятҳои қишрии минтақаҳо, рушди босуръати хоҷагии қишлоқ, сатҳи шаҳришавии нуқтаҳои аҳолинишин, мавҷудият ва ҳолатҳои иншооти обтозакуние, ки дар ҳудуди ҳавзаҳои асосии дарёҳои ба мисоли Сирдарё, Вахш, Кофарниҳон, Панҷ, Зарафшон ва Варзоб вобаста мебошад.

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1992, бурдани корҳои вобаста ба кадастри об ба Агентии Гидрометроологияи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст. Дар асоси ин ва бо баназаргирии хусусиятҳои гидрографӣ дар ҷумҳурӣ шабакаи нуқтаҳои мушоҳидаҳои гидрологӣ таъсис дода шудааст, ки ба вазифаи онҳо аз ҷумла баҳодиҳии сифат ва микдори захираҳои обӣ дохил мешаванд.

Барои ҳалли мушкилоти мавҷуда, кӯшиши вазорату идораҳои дахлдор равона гардидааст ва заминаи ҳуқуқиву меъёрӣ ташкил карда мешаванд, ки барои татбиқи ислоҳот дар бахшҳои иқтисодӣ кишоварзӣ, коммуналӣ ва обӣ барои гузаштан ба шаклҳои хоҷагидории бозоргонӣ мусоидат менамоянд.

Ифлосшавии иншооти обӣ дар натиҷаи партовҳо аз объектҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ ва истиқоматӣ – коммуналӣ, муассисаҳои истеҳсолӣ, ҳолатҳои обхезӣ ва сел ба вуҷуд меоянд.

Ифлосшавии иншооти обӣ аз обҳои заҳбурҳои истеҳсолотӣ ва партовҳо дар ноҳияҳои аз ҷиҳати индустриявӣ рушдёфта ва шаҳришуда, асосан дар ҳудудҳои дар наздикии ҳавзаҳои дарёҳои асосӣ ҷойгиршуда рост меоянд.

**Ҳавзаи Сирдарё.** Сирдарё дарёи транссарҳадӣ мебошад, ки дар қисмати шимолии Тоҷикистон, вилояти Суғд воқеъ буда, дарозии он тақрибан 185 км-ро ташкил медиҳад. Партови заҳбури коллекториву дренажии он ба дарё

дар соли 2000 –ум 1058,15 млн. $м^3$, ё ин ки 94% -и ҳаҷми онро ташкил дод. Ҳаҷми заҳбурҳои коммуналиву хоҷагӣ ва истеҳсолӣ 115-121 ҳазор мукааб буда, аз он ҳар шабонарӯзӣ танҳо 75% -и он тоза карда мешуд. Дар ҳудуди ноҳияҳои Истаравшан, Деваштич ва Шаҳристон, ки манбаъҳои камқувват воқеъанд ва камчинии захираҳои обӣ (550 млн. $м^3$ дар як сол), 45% мебароянд, монеаи рушди иқтисодии минтақа шуда, дастрасии аҳолиро бо оби тоза маҳдуд менамояд.

**Ҳавзаи дарёи Зарафшон.** Дар ҳавзаи дарёи Зарафшон заминҳои обёришаванда хурдтарҳ буда (аз 7 то 360 гектар)-ро ташкил медиҳанд, ки муҳандисони иншоот онҳоро таъмир намекунанд, аз ин лиҳоз зиёда аз 50 %-и об ба партови сатҳи сарф мешавад. Барои азхудкунии замини поёнобҳо (35 ҳазор гектар) маблағгузории на камтар аз 14 ҳазор доллари ИМА дар як гектар зарур мебошад. Дар ҳавзаи дарё, инчунин мушкилоти шуғли меҳнат низ вуҷуд дорад. Аз ҳаҷми умумии партов ба дарёи Зарафшон аз тарафи муассисаҳои коммуналӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ ва корхонаҳои саноатӣ ҳамагӣ 6-8% (190 $м^3$/сония) гирифта мешавад, ҳаҷми боқимондаро дар давлати ҳамсояи Ҷумҳурии Узбекистон истифода мекунанд. Барои баланд бардоштани таъсирнокии истифодаи захираҳои обӣ азнав барқароркунии иншоот бо масоҳати умумии 21 ҳазор гектар замин бо беҳтар намудани сатҳи техникии таҷҳизоти системаи обёрикунандаро гузаронидан зарур мебошад. Заминҳои водии Зарафшон шӯр нестанд, аз ин лиҳоз обёрикунӣ ба маъданишавии об таъсири манфӣ намерасонад ва дар ҳудуди 0,14-0,57 г/л. мебошад.

**Ҳавзаи дарёи Кофарниҳон.** Кофарниҳон – шохаи рости Амударё буда, хаҷми оби он дар як шабонарӯз 160 $м^3$ буда, ҳавзаи рӯди он 8%-и ҳудуди Тоҷикистонро, ки дар он се ҳиссаи аҳолии кишвар зиндагӣ мекунад, аз ҷумла 43%-и бошандагони шаҳрро ташкил медиҳад ва ин дар обтаъминкунӣ ва сифати об инъикос меёбад. Дар ҳавза зиёда аз 100 ҳазор гектар заминҳои обёришаванда (зиёда аз 30%-и шумораи умумӣ) воқеъ буда, 56 ҳазор гектар чарогоҳҳои сероб, 47 иншоотҳои саноатӣ мавҷуданд. Ҳаҷми партовҳо дар соли 2015 - ум 621 млн. метри мукаабро ташкил дода буд. Дар иншооти тозакунанда 101,43 млн. $м^3$ об тоза карда шуд.

**Ҳавзаи дарёи Вахш.** Ҳавзаи ин дарё бо партови обҳои коллекториву заҳкашӣ, хоҷагиии манзилию - коммуналии шаҳри Душанбе ба ифлосшавӣ дучор мебошад. Ҳаҷми умумии обҳои партовӣ соли 2015 - 1112,37 млн. метри мукаабро ташкил намуд, ки аз он - 5,14 млн. $м^3$ ифлосшуда ва коллекториву заҳкашиаш бошад, - 390 млн. $м^3$ аз заминҳои обёришуда мебошанд.

**Ҳавзаи дарёи Панҷ.** Дар ин ҳавза як қатор дарёҳои калон - Бартанг, Қизил-Су, Ғунд ва Панҷ воқеъанд. Дар маҷмуъ ба ҳавза 695,34 млн. м³ обҳои партовӣ ташкил шудаанд (2015 г.), ки аз онҳо 5,88 млн. м³ – ифлосшуда ва 673 млн. м³ обҳои коллекториву заҳкашӣ аз заминҳои хоҷагии қишлоқ мерезанд.

Манбаи асосии ифлосшавии дарё ин шаҳри Хоруғ мебошад, ки дар назди дарёи Ғунд воқеъ аст. Дар ҳавзаҳои камаҳолии дарёи Ғунду Бартанг қариб тамоман фаъолияти хоҷагидорӣ вуҷуд надорад.

**Ҳавзаи дарёи Қизил-Су** аз ҳама шӯртар буда, таъсироти пуршиддати антропогенӣ расидааст. Сифати оби дарё бо маъданнокии баланди то 2,1 г/л. мушоҳида мешавад. Аз сабаби мавҷуд набудани обанбор дар ҳавзаи Қизилсу норасоии об барои обёрии заминҳо то 35% ба назар мерасад. Дар масири дарёи Панҷ дар моҳҳои июл – август ҳамасола обхезӣ ба вуҷуд меояд. Барои танзими партови он сохтмони 10 обанбори маҷмӯӣ бо ҳаҷми зиёда аз 50 млрд.м³. дар назар аст.

**Ҳавзаи дарёи Варзоб**. Дар ҳавза норасоии об тақрибан то 200 млн. м³ дар як сол барои обёрии заминҳо, аз сабаби мавҷуд набудани имконияти танзими партови обанборҳо мушоҳида мешавад. Дар соли 2015 ба дарё 760 ҳазор метри мукааб обҳои заҳбурҳо аз заминҳои обёришуда рехта мешуданд, ки 740 ҳазор мукаабаш бе тозакунӣ ва 1,8 млн. м³ – партовҳои тозакардашуда мебошанд.

Бо сабаби кам шудани ҷараёни оби дарёи Варзоб дар моҳҳои август – октябр то дарёи Кофарниҳон намерасад, ки ин аз лиҳози муҳити зист ва экоголия оқибати нохуш дорад.

Дар ҳавзаи дарёи Варзоб манбаҳои бисёртари оби ифлос мушоҳида мешавад, инчунин зичии аҳолӣ хеле баланд мебошад (400 нафар/км²).

Зичии зиёди аҳолии ҳавзаи Варзоб сабаби асосии бадшавии сифати оби дарё гаштааст.

## Ифлосшаваии иншооти обӣ бо партовҳои коммуналиву хоҷагӣ ва саноатӣ

Аз ҳаҷми умумии партовҳои ифлоси заҳбурҳо, ба саноат 2-2,5% рост меояд. Ифлосшавии захираҳои обӣ одатан дар ҷойҳои воқеъшавии саноати сабук, кимиёвӣ ва канданиҳои куҳӣ ба амал меояд. Нокифоягии қудрати мавҷудбуда (246 млн. м³) ва лойшавӣ, дар як қатор ҳолатҳо набудани иншооти тозакунанда дар корхонаҳои истеҳсолӣ ба партови заҳбурҳои тоза нокарда ба зиёда аз 202 млн. м³ ба иншооти тозакунандаи шаҳр, ба заминҳои филтратсияшуда ва манбаъҳои оби рӯизаминӣ оварда мерасонад. Ҳаҷми

солонаи обҳои коррезии тариқи иншооти тозакунанда гузаронидашуда, дар давраи соли 2014 –ум 77,7 млн. $м^3$ –ро ташкил дод. Аз ин ҳаҷм танҳо 60, 1 млн $м^3$ -и он тоза карда шудааст.

Ба манбаъҳои саноатии эҳтимолии ифлосшавии обҳои зеризаминӣ хамчунин партовгоҳҳо ва партовҳои захирасозиҳои техноголӣ, сангрезаҳову кухпораҳо, ахлотҳои ғайримуташаккилонаи пасмондаи хоҷагӣ шуда метавонанд. Сабабҳои асосии ифлосшавӣ набудани экранҳои зидди полоишӣ, каналҳои обмегардонида, обҷамъкунанда ва набудани мониторинг аз ҳолат ва таъсири онҳо ба муҳити атроф мебошанд.

Истеъмоли об аз ҷониби сектори коммуналиву хоҷагӣ ба 21%, ҳангоми паст шудани ҳаҷми партови заҳбурҳои ифлос бошад, то 34% кам гаштааст.

Омилҳои мусбат дар натиҷаи паст рафтани сатҳи истеҳсолоти саноатӣ ва кам шудани ҳаҷми партови обҳои коррезӣ ба амал омадаанд.

Ҳаҷми партови обҳои заҳбурҳои ифлос аз ҷониби системаи хоҷагиҳои коммуналӣ 5-6% аз ҳаҷми умумии партовро ташкил медиҳад. Бо сабаби кӯҳна шудани таҷҳизот ва технология тақрибан дар ҳамаи шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ, иншооти мавҷудаи тозакунанда партови обҳои коммуналиву хоҷагиро ба таври зарурӣ тоза карда наметавонанд. Таъсирнокии тозакунандаи ин иншоот аз 40% боло нестанд.

## Ифлосшавии иншооти обӣ аз партови обҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ

Аз 851 ҳазор гектар заминҳои корам, 755 ҳазор гектар заминҳои обӣ мебошанд. Зиёда аз 90% обҳои рӯизаминии ифлосшуда аз партови обҳои коррезиву коллекторӣ, ки барои заминҳои обёри мешуда равона гаштаанд, рост меояд. Аз сабаби технологияи дар Тоҷикистон маъмули обёрии палакӣ ва мавҷуд набудани ҳавзҳои табии захираҳои обӣ, ки барои ҷамъкунии партови обҳои ирригатсионӣ ва заҳбуриву коллекторӣ ифлосшавии обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ бо махлутҳои азот, фосфор, пестисидҳо, маҳсулоти эрозия, яъне фарсоиш ва ғайра, ба амал меояд.

Аз оғози солҳои 90-ум дар баробари қатъи азхудкунии заминҳои корам ва маҳдудкунии масоҳатҳо барои обёрӣ, инчунин сатҳи пасти амали системаҳои заҳкашӣ ҳаҷми партовҳои шӯр ба иншооти обӣ кам шуданд. Маблағгузории ноустувор барои нигоҳдории системаи ирригатсионӣ ба таназзули он ва тавре маълум аст, ба ботлоқшавии заминҳо ва дар маҷмӯъ ба паст шудани суръати рушди соҳаи кишоварзӣ дучор месозад. Ҳамзамон,

ҷамъоварии пардохти арзиши хизматрасонии обтаъминкунӣ аз истифодабарандагони об то 45-50% -ро ташкил дода, он наметавонад хароҷоти истифодабарии системаи обёриро пӯшонад.

### Чораҳо оид ба пешгирии ифлосшавии иншооти обӣ

Дар Тоҷикистон масъалаҳои истифодаи захираҳои обӣ ва ҳамбастагии он дар ҳоҷагии қишлоқ ва энергетика аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад. Дар ин радиф, як қатор қонунҳо барои танзими онҳо қабул карда шуда буд:

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №791 «Дар бораи барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2025»;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Ассотсиатсияи истифодабарандагони об» аз 8 ноябри соли 2006, №387.

Дар ин ҳуҷҷатҳо принсипҳои муқаррар намудани талаботҳои нави байнидавлатии тақсими об ва механизмҳои иқтисодии обистифодабарӣ, ҳамчун асоси ҳалли вазифаҳои хоҷагии об ва экологӣ дар минтақа дарҷ карда шудааст;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иншооти гидротехникӣ» аз 10 марти соли 2010, №565.

Барномаҳои Миллии қабулгашта «Оид ба тозагӣ ва ҳифзи муҳити зист» ва «Оби тоза ва беҳдоштӣ дар Тоҷикистон» барқарорсозии марҳилавии иншооти тозакунии обҳо ва ба итмомрасонии сохтмони оғозгардида ва норасоиҳои иншооти тозакуниро пешбинӣ менамояд.

Марказҳои барқароркунии системаи ирригатсионӣ ва обёриву коррезӣ, инфрасохтори хоҷагии деҳот ташкил карда шуданд.

Дар асоси хоҷагиҳои фермерӣ барои беҳтар намудани нигоҳдорӣ ва истифодаи системаи обёрии дохилихоҷагӣ ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ташкил шудаанд.

Системаи тарофавӣ оид ба беҳтар намудани ҷамъоварии маблағ барои додани об, барқарорсозии системаҳои обгузаронӣ, дастгирӣ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ва маҳаллӣ беҳтар гардонида мешавад.

Аз соли 1992 механизми иқтисодї оид ба муайянсозии маблағ барои партовҳои ифлоскунанда ба иншооти обї амалї карда мешавад.

Бо дастгирии Бонки Рушди Осиё стратегияи беҳтарсозии идоракунии навовариҳо коркард шуда аст.

Дар доираи лоиҳаи таъмини оби шаҳри Душанбе Барномаи идоракунӣ ва мониторинги муҳити зист бо маблағи 570 ҳаз. доллари ИМА дар назар аст.

Кадастри об – ин маълумоти маҷмуавии захираҳои обӣ мебошад (захира, ташаккулдиҳӣ, сифати сарф ва партови обҳо).

Тавозуни об - ин маълумоти истифодаи об дар соҳаҳо мебошад. Ҳисоботи 2 –ТП (хоҷагии об) маълумот оид ба ҳаҷми истифодаи об, масраф ва сифати об мебошад.

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1992, идораи кадастри об ба Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об (айни ҳол, Вазорати энергетика ва захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва Раёсати геологияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст.

Дар ин асос, Агентии гидрометереологияи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳисобот ва тавозунии захираҳои обиро тартиб дода, ба Вазорати энергетика ва захираҳои об, ва оид ба обҳои зеризаминӣ ба Раёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавозун пешниҳод намояд.

Тартиб додани тавозуни ҳолат ва сифати ҳавзаҳои обӣ ба зиммаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст. Тартиб додани тавозуни таъмини оби нушокӣ ва коррезӣ ба КВД Хоҷагии манзиливу коммуналӣ вобаста шудааст. Бо сабабе, ки 90% -и захираҳои обӣ барои обёрӣ, истифода мешавад, тавозуни обро бояд Агентии мелиоратсия ва ирригатсияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2000-ум, №34 Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, соли 2003 ва 2012 ба он як қатор тағйиру иловаҳо ворид гардиданд.

Дар самти ҳифзи муҳити зист, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 10 Конвенсияи СММ ҳамроҳ шудааст, ки оиди 4- тои он Стратегияи миллӣ ва Нақшаи амал оид ба иҷрои уҳдадориҳои кабулшуда, тасдиқ шудааст.

Ҳукумати кишвар барои қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ, ки ба мукаммалгардонии ҳамоҳангсозии амалҳои ҳифзи табиат ва назорати давлатӣ аз болои ҳифз ва истифодаи захираҳои табиӣ чораандешӣ намуда истодааст.

Таҳияи Нақшаи миллии амал оид ба ҳифзи муҳити зист ба анҷом расонида шуда истодааст.

Илова бар ин, норасоии шадиди манбаъҳои молиявї, иљрои сусти қонунҳо ва номувофиқатии байни идораву вазоратҳо, сатҳи пасти иљрои қарорҳои қабулгшударо ба миён овардааст, ки он барои муътадилгардонии ҳолати муҳити зисти табиӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои он мусоидат намекунад.

Дар кишвар ҳамоно бадастории усулҳои замонавии истифодаи меъёрноку оқилонаи захираҳои обӣ мушкилоти асосӣ ба ҳисоб меравад. Масрафи об барои обёри барои баъзе намуди маҳсулоти кишоварзӣ аз меъёри истифода ду баробар зиёд истифода мешавад. Фарсудашавии системаҳои ирригатсионӣ ва заҳкашӣ аз меъёр зиёд обро талаф мекунанд.

Муайянсозии меъёрҳои махраҷи об барои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ

| № р/т | Номгӯи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ | Меъёри исифодаи об, м3/га |
|---|---|---|
| р | Пахта | 10750 |
| 2. | Ғалладонагиҳо | 2200 |
| 3. | Ҷуворимакка | 9000 |
| 4. | Ҷуворимаккаи ҳосили 2-юм | 7800 |
| 5. | Ҷуворимакка барои силос ҳосили 2-юм | 3500 |
| 6. | Биринҷ | 37000 |
| 7. | Сабзавот | 12000 |
| 8. | Юнучқа (беда, ришқа) | 12500 |
| 9. | Боғот | 9500 |
| 10. | Картошка | 6500 |
| 11. | Полезиҳо | 5000 |
| 12. | Тамоку (ситрусиҳо) | 5500 |

Обтозакунӣ ва дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ яке аз мушкилоти асосии иҷтимоӣ дар кишвар маҳсуб меёбад. Истифодаи об аз ҷониби аҳолӣ дар минтақаҳои кишвар нобаробар буда, аз 400 то 14000 литр ба сари як одам дар як рӯз рост меояд, ки ду баробар меъёри ҷумҳуриявӣ ва якчанд маротиба меъёри аврупоиро гузаштааст.

Аммо ин маънои онро надорад, ки аҳолӣ оби аз лиҳози меъёрҳо тозаро истеъмол мекунад. 57% аҳолии кишвар оби қубурии (фаразан тозакардашуда), боқимонда аҳолӣ аз сарчашмаҳои кушода об мегиранд. 50 фоизи фарсудашавии иншооти канализатсионӣ дар сурати кам будани маблағгузорӣ ба онҳо ба он оварда расонидааст, ки аз шабакаи асосӣ танҳо 10% -и об тоза карда мешавад.

Бинобар сабабе, ки кадастри об айни ҳол ба зиммаи Муассисаи Давлатии «Тоҷик ПИТГ ва М» -и Вазорати энергетика ва захираҳои об, аниқтираш, «шуъбаи захираҳои обӣ ва кадастр» вогузошта шудааст, мутаассифона ҳамагӣ 65-70% -и маълумотҳо оид ба ташаккулёбӣ ва истифодаи захираҳои обии айни замон ҳамасола пешниҳодмегашта, ба талаботи замони ҳозира мутобиқат намекунанд.

Масалан, аз соли 2003, Кадастри давлатии об ташкил карда намешавад, аз ин лиҳоз, маълумот оид ба шумора ва сифати нишондодҳои истифодаи об мавҷуд набуда, баҳогузории соҳавии таъсир ба сифати об ва ба ин монанд, гузаронида намешаванд. Ин ва дигар зуҳуроти манфӣ шаҳодати он мебошад, ки як қатор чораҳои зарурии зерин дар сатҳи мақомот ва идоракунии соҳавӣ бояд дида шаванд, аз ҷумла:

- Барқароркунӣ ва рушди системаи мониторинги сифат ва шумораи захираҳои обӣ;
- Такмили механизмҳои иқтисодии ҳавасмандгардонӣ дар самти ҳифз ва истифодаи меъёрноки (оқилонаи) захираҳои обӣ;
- Таҳияи Қонун дар бораи Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ва механизмҳои татбиқи он;
- Барқароркунӣ ва рушди иншооти канализатсионӣ ва тозакунии об дар нуқтаҳои аҳолинишин;
- Барқароркунӣ ва сохтмони иншооти нави маҳаллӣ барои тозакунии обҳои заҳбурҳои муассисаҳои саноатӣ;
- Ҳавасмандкунии истифодабарандагони об оид ба воридсозии технологияҳои сарфакунандаи об дар саноат, хоҷагии қишлоқ ва коммуналӣ;
- Ташкили хизматрасонии самараноки аграрӣ (агросервис) дар хоҷагиҳои фермерӣ;
- Ноҳиябандии техникаи обёрӣ ва мукаммалсозии низоми обёрӣ дар асоси ҷоринамоии кишоварзии аэроландшафтӣ;

- Мукаммалгардонии идораи захираҳои обӣ дар обёрикунии кишоварзӣ;
- Таҳия ва ташкили низоми иттилоотии ҳифзи об ва маҷмӯи хоҷагии об;
- Таҳияи Барномаи азхудкунии хоҷагии обии ҳудудҳо(минтақаҳо)-и кӯҳӣ ва обёришаванда;
- Гузаронидани тренингҳои омӯзишӣ а) оид ба истифодаи сарфакорона (оқилона) ва ҳифзи захираҳои обӣ ва б) оид ба истифодаи технологияҳои каммасрафи нерӯи барқу обӣ;
- коркарди механизмҳои иқтисодиву бозорӣ оид ба ҳавасмандгардонии истифодабарандагони манбаъҳои табиӣ барои чораандешӣ дар самти ҳифз ва истифодаи сарфакоронаи захираҳои обӣ;
- ташкили шароитҳо барои ба таври устувор маблаггузоринамоии барномаҳо оиди пешгирии ифлосшавии захираҳои обӣ тариқи ташкили фондҳои махсус, қарзҳои хурд ва кӯмаки беруна.

# I. ТАДҚИҚОТИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ОБ

## 1. 1. Ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин маротиба тадқикоти интихобии яквақтаинаи хоҷагиҳои деҳқонӣ, саноати коркард ва истихроҷро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муайянсозии захираҳои обро, аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ дар соли 2015 гузаронид.

Тадқиқот аз 24 сентябр то 8 декабри соли 2016, бо дастгирии Лоиҳаи ECASTAT «Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор» гузаронида шуд.

Ҳадафи ин тадқиқот ба даст овардани маълумоти воқеӣ доир ба захираҳои обӣ ва сохтори он аз рӯи фаъолият мутобиқи ТУНФИ таҳрири2 (NACE Rev.2) ва намудҳои маҳсулот мутобиқи с ТМФИ (КПЭД) 2008 (CPA 2008) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳангоми миссияи мушовири байналмилалӣ аз Полша ҷаноби Павел Бартосзюк ба Тоҷикистон доир ба таҷрибаи Полша, Канада ва ИМА дар самти мазкур рӯнамо муаррифӣ карда шуд.

Боиси тазаккур аст, ки якҷоя бо мушовир анкета, саволномаҳо ва дигар васоит барои гузаронидани тадқиқот таҳия гардид.

Ҳамчунин, аз ҷониби ӯ кӯмаки методологӣ оид ба интихоби субъектҳо ва тартиб додани ҷадвалҳои барориш ва таҳлилӣ аз натиҷаҳои тадқиқот расонида шуд. Инчунин, корҳои муайяне вобаста ба шиносоӣ бо ҳисобот оид ба истифодаи об дар асоси тадқиқоти таҷрибавии гузаронидашудаи истифодабарандагони об дар соли соли 2010 дар ноҳияи Шаҳринав, амалӣ шуд. Ба ноҳияи Рӯдакӣ барои дидан аз муассисаи хоҷагии об, аз ҷумла, ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ оид ба истифодаи об дар Ҷамоати деҳоти Чимтеппа ва хоҷагии деҳқонии коллективии ба номи Улҷабоев сафар анҷом дода шуд. Пасон, саволномаҳо барои тадќиќот оид ба истифодаи об, ки паҳлӯҳои зеринро дар бар мегирад, баррасї ва омӯхта шуданд, аз љумла:

- Шакли ҳисоботии дохилиидоравии оморї 2 –тп (хољагии об) (солона) «Ҳисобот оид ба истифодаи об» (пешнињод мекунад Пажӯҳишгоҳи илмї – тањќиќотии Донишкадаи гидрология ва мелиоратсия – ПИТГ ва М-и Вазорати энергетика ва захираҳои об);

- Ҳисоботи омории 1 – қубури об «Ҳисобот доир ба кори қубурҳои обї» (солона);

- Ҳисоботи омории 1 –заҳкашҳо (канализатсия) «Ҳисобот оид ба кори заҳкашҳо» (солона) (мақомоти маҳаллии омор, муассисаҳои системаи КВД «Хољагии манзилию коммуналї», муассисаҳои зертобеъи мақомоти давлатии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод мекунанд);

- Таҳлилҳои озмоишии сифати об (Муассисаи давлатии «Маркази гидрометерология»).

Қайд кардан зарур аст, ки истифодабарандагони асосии об дар хоҷагии қишлоқ инҳо мебошанд:

а) <u>Муассисаҳои ҳоҷагии қишлоқ</u>

ба категорияҳои мазкур ассотсиатсия ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, байнихоҷагӣ, хоҷагиҳои давлатӣ, ташкилотҳои иҷоравӣ, кооперативҳои кишоварзӣ, фирмаҳои аграрӣ (агрофирмаҳо), хоҷагиҳои ёрирасони саноатӣ ва нақлиётӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳои дигар дохил мешаванд;

б) <u>Хоҷагиҳои деҳқонӣ</u>

Хоҷагии деҳқонӣ–шакли соҳибкории озод, субъекти хоҷагидорӣ мустақил мебошад, ки як оила ё шаҳрвандони ҷудогона ё шахсоне, ки якҷоя истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро амалӣ менамоянд асос ёфта, дар асоси истифодаи амвол, замин ва дигар захираҳои табиӣ, ки ба моликияти шахсии

вай таллуқ дорад, таъсис ёфтааст

в) Хоҷагии аҳолӣ

Ба хоҷагиҳои аҳолӣ-хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон, боғот ва обчакории коллективӣ, бӯстонсаройҳо дохил мешаванд.

## 1.2 Сохтор ва марҳилаҳои тадқиқот

Дар рафти корҳои омодагӣ ҷиҳати гузаронидани тадқиқот аз ҳисоби мутахассисон гурӯҳи корӣ ташкил дода шуда ба онҳо ӯҳдадориҳои мушаххас муқаррар карда шуд. Гурӯҳи корӣ аз ҳисоби мутахассисони Раёсати омори кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист ва Раёсати Системаи Ҳисобҳои Миллии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Ҷадвали марҳилавии корҳои омодагӣ, гузаронидани тадқиқот, таҳлили натиҷаҳои бадастомада ва нашри натиҷаҳои тадқиқот тартиб дода шуд. Дар заминаи регистри оморӣ рӯйхати навкардашудаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ташкилотҳои саноатӣ аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти иқтисолии соли 2015 бо дарназардошти нишониҳои аниқкардашуда, омода карда шуд.

***Ҳангоми гузаронидани корҳои омодагнӣ барои таҳқиқи интихобии истифодабарандагони об чорабиниҳои зерин гузаронида шуданд:***

- саволнома ва воситаҳои таҳқиқот (дастурамал, ёддошт барои супервайзерҳо ва интервюерон/мусоҳибон) таҳия, онҳо ба забони давлатӣ тарҷума ва тасдиқ карда шуданд (сентябр – октябри соли 2016);
- саволнома дар ноҳияи Рудакӣ якҷоя бо коршиноси байналмилалӣ озмоиш карда шуд (октябр 2016);
- рӯйхати субъектҳо барои гузаронидани тадқиқоти интихобӣ оид ба истифодабарандагони об омода карда шуд (сентябр – октябри соли 2016);
- интихоби воҳидҳои тадқиқшаванда мутобиқи тавсияҳои мушовир ва вазифагузории таҳқиқот амалӣ карда шуд;
- таъминоти барномавӣ (компютерӣ) барои воридсозии маълумот таҳия шуд (октябри сол 2016);
- семинари омӯзишӣ барои мусоҳибагирандагон ва (роҳбарони гурӯҳ) супервайзерон гузаронида шуд (ноябри соли 2016);
- саволнома ва воситаҳои тадқиқот тақсим(паҳн) карда шуданд;

- корҳои саҳроӣ гузаронида шуданд (ноябр – декабри соли 2016);

- саволномаҳо таҳрир ва рамзгузорӣ шуда, маълумотҳо ба таъминоти барномавӣ(компютерӣ) ворид карда шуданд (январи соли 2017);

- таҳлили маълумотҳои бадастомада гузаронида шуд (феврал – марти соли 2017);

**<u>1.3. Ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот</u>**

***Таъминоти барномавӣ:*** Таъминоти барномавӣ барои тадқиқот оид ба истифодабарандагони об барои клиенти технологияи серверӣ, дар платформаи NetFramework коркард шуд. Қисмати мизоҷии барнома бо забони C#4 MSSqlServer навишта шуд. Муштарӣ (клиент) дар низоми бисёрҳуҷҷатаи интерфайси (MDI) кор мекунад. Ҳангоми воридсозии маълумот, пеш аз ирсол ба сервер, клиент ҳамаи назорати мантиқӣ ва арифметикиро тафтиш мекунад.

Қисмати серверии барнома дар асоси СУБД MSSqlServer 2008 амалӣ карда мешавад.

Мубодилаи маълумот миёни муштарӣ (клиент) ва сервер тариқи тартиби маҳфузӣ амалӣ карда мешавад.

***Гузаронидани тадқиқот:*** Тадқиқот аз 14 ноябр то 8 декабри соли 2016 аз ҷониби мутахассисони махсус омӯзонанда гузаронида шуд. Ҳамагӣ 7 гурӯҳ -дар шаҳри Душанбе, НТҶ ва вилоятҳои Суғду Хатлон ташкил карда шуд. Ҳар як гурӯҳ аз як супервайзер ва 3 мусоҳибагиранда (интервюер) иборат аст. Ҳамагӣ дар тадқиқот 7 супервайзер ва 22 мусоҳибагиранда (интервюер) иштирок намуданд.

Тадқиқот тариқи пурсиши ташкилотҳои субъектҳои саноатӣ, хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ ва хоҷагиҳои инфиродии деҳқонӣ гузаронида шуд. Пурсиш ба воситаи мусоҳиба (интервю) (face to face) (рӯ ба рӯ) тариқи бевоситаи ташриф намудан ба субъектҳо гузаронида шуд.

Дар раванди гузаронидани тадқиқот ва коркарди маълумот (рамзгузорӣ, ворид намудани маълумот ба компютер) принсипи махфият риоя гардид.

***Қабул ва назорати сифати пуркунии саволномаҳо***: Пас аз анҷоми корҳои саҳроӣ, саволномаҳои пуркардашуда барои тафтиш ба роҳбари (супервайзери) гурӯҳ барои гузаронидани мутобиқатии арифметикӣ пешниҳод карда шуд.

Ҳамагӣ тадқиқоти 4300 субъектҳо дар назар дошта шуда буд. Дар рафти таҳқиқот муайян карда шуд, ки тақрибан 0,3% аз ҷавоб рад намуданд ва ё дар санаи тадқиқот ҳозир набуданд.

Санҷиши саволномаҳо нишон дод, ки ҳамаи реквизитҳои муайянкунандаи фаъолияти ташкилотҳои тадқиқшаванда, ба монанди фаъолияти иқтисодӣ, шакли моликият, ҳудуд, рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами бақайдгирии ягона ва рамзи муассиса (рамзи мушаххасотӣ(идентификатсионӣ)) пур карда шудаанд.

Ҳангоми пур кардани саволномаҳо чунин мушкилотҳои асосӣ муайян шуданд:

- маълумот оид ба истифодаи об дар ҳолатҳои алоҳида аз маълумоти пештара пешниҳодгардида тибқи шакли 2 –тп (об) каме нисбатан фарқ мекунад;

- барои ташкилотҳо муайян намудани ҳаҷми оби истифодагардида мушкил буд. Баъзан вақт зарурати алоқа кардан бо таъминотчиён ба миён меомад. Махсусан мушкилот дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд ба миён омад, ки барои он вақти иловагӣ сарф гашт;

- ҳангоми пур кардани саволнома аз тарафи якчанд нафар соҳибкорони инфиродӣ бо сабаби надоштани ҳисоботҳои аввалия, аз ҷониби баъзеи онҳо мушкилот ба вуҷуд омад;

- аз тарафи баъзе субъектҳо ба мусоҳибагиранда (интервюер) дар гирифтани маълумоти зарурӣ рад карда шуд, танҳо пас аз дахли роҳбари гурӯҳ (супервайзер) маълумот ба даст оварда шуд.

Новобаста аз ин, ҳамаи саволномаҳо аз ҷониби мусоҳибагирандагон (интервюерон) пур гардиданд, аз ҷониби супервайзерон тафтиш шуданд, менеҷерон назорат намуданд ва таҳлилгар – методологон санҷиша баромада шуда дар вақти муқарраргардида ба коркард пешниҳод гардиданд.

***Воридсозӣ ва коркарди маълумот:***

Воридсозии маълумот аз 11 то 24 –уми январи соли 2017 аз ҷониби операторон ба барномаи махсус таҳияшуда анҷом дода шуда буд.

Пас аз коркарди маълумот, моҳи феврали соли 2017 ҷадвалҳои баромад, ки дар асоси онҳо ҷадвалҳои таҳлилӣ тартиб дода шуданд, барои тартиб додани ҳисобот оид ба натиҷаи тадқиқоти яквақтаинаи мазкур таҳлили маълумот гузаронида шуд. Ин кор аз моҳи ноябри соли 2016 то моҳи марти соли 2017 анҷом дода шуд.

Омодасозии нақшаи ҷадвалҳои бароришӣ ва барномаи коркарди натиҷаҳои ҷамъбастӣ ба зиммаи мушовири маҳаллӣ ва барномасоз вогузор шуда буд.

Қобили зикр аст, ки таҳияи ҷадвалҳои бароришӣ бо мушовири байналмилалӣ мувофиқа карда шуда буд.

## 1.4 Тарҳи (дизайни) интихоб

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» мақомоти андоз бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро амалӣ менамояд. Бақайдгирии давлатӣ аз рӯи принсипи «равзанаи ягона», яъне дар мӯҳлати се рӯз дар раванди бақайдгирии давлатӣ дар ҳолати онлайн ба субъектҳо рамзҳои оморӣ супорида мешаванд. Бақайдгирии давлатӣ дар Реестри ягонаи давлатӣ бақайдгирии ҳамзамонаро дар мақомоти давлатии омор ва суғуртаи иҷтимоии давлатӣ таъмин менамояд.

Иттилоот аз реестри давлатӣ ба Регистри муассисаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мерасад. Дар асоси регистри маъмурӣ ҳамасола регистри омории муассисаҳо барои ҳар як соли молиявӣ ташкил гашта, актуализатсияи маълумот бо назардошти тағйироти дар соли гузашта баамаломада (ташкилшавии субъектҳои нав, ҳолати субъектҳои амалкунанда – фаъол, ғайри фаъол, азбайнрафта, тағйир ёфтани намуди фаъолияти иқтисодӣ ва ғайра) амалӣ мешавад. Нишондодҳои иқтисодии Регистри оморӣ низ ҳамасола актуалӣ - аз нав дида баромада мешаванд.

Дар Регистри омор маълумот дар сатҳи муассиса нигоҳ дошта шуда ягон ҳудуд (порог) барои бақайдгирии бизнес вуҷуд надорад. Дар маҷмӯъ, дар Регистри оморӣ чунин маълумот оид ба воҳидҳои оморӣ мавҷуд аст: «корхона – ин шахси ҳуқуқӣ (яъне, корхона, муассиса ва ғайра) мебошад», «воҳиди маҳаллӣ» - филиал ё намояндагии ташкилоти миллӣ, инчунин «воҳиди намуди фаъолияти иқтисодӣ» мебошад. Дар тадқиқоти мазкур «воҳидҳои юридикӣ» пурсида шуданд, зеро онҳо ҳама маълумотро оид ба фаъолияти воҳидҳои маҳаллӣ ва воҳидҳои намуди фаъолияти иқтисодӣ доранд.

Дар айни замон, тибқи Нақшаи чорабиниҳои аз ҷониби Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2016, №43 ба тасдиқгардида, як қатор чорабиниҳо оид ба гузариш ба ОКЭД, таҳрири 2

(дар заминаи NACE, rev.2 ташкилшуда) гузаронида мешаванд. Раёсатҳои соҳавӣ таҳлили фарқиятҳои соҳавии гурӯҳҳои байни ТУНФИ, таҳрири.1 ва ТУНФИ, таҳрири 2 –ро мегузаронанд. Ҳамзамон, аз нав рамзгузории намудҳои фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор мутобиқи ТУНФИ, таҳрири 2 дар Регистри маъмурӣ амалӣ шуда истодааст.

Бинобар он, ки ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур ин ҷамъоварии маълумот оид ба истифодабарандагони об мебошад, аз регистри оморӣ ба маҷмӯи генералии хоҷагиҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои коллективии деҳқонӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ - инфиродӣ ворид карда шуданд. Бо дарназардошти истифодаи минбаъдаи натиҷаҳои таҳқиқот дар системаи ҳисобҳои миллӣ мутобиқи СҲМ – 2008, барои таҳқиқоти мазкур ҳамаи воҳидҳои маҷмӯи генералии соҳа аз нав ба ТУНФИ-таҳрири 2, аз нав рамзгузорӣ карда шуданд.

Аз шумораи умумии хоҷагиҳои коллективии деҳқонӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ - инфиродӣ ба маҷмӯи генералӣ 4300 воҳид ворид карда шуданд, ки аз ин 402 корхонаҳои саноатӣ ва 3898 воҳид хоҷагиҳои кишоварзӣ (дар давраи соли 2015 воҳидҳои такроран нишон додашудаҳои гардиши сифрии фаъолияти иқтисодии солона, воҳидҳои мазкур аз Маҷмӯи генералӣ ихтисор карда шуданд) мебошанд.

Соли 2015 шумораи хоҷагиҳои коллективии деҳқонӣ ва хоҷагиҳои инфиродии деҳқонӣ 130 933 воҳидро ташкил дод, ки амал мекунанд.

Новобаста ба он, ки онҳо баҳисобгирии мунтазам ва ҳисоботи мунтазам надоранд ва мушкилоти мушоҳидаи онҳо низ ҷой дорад (онҳо аз пешниҳоди ҳисоботи мунтазами оморӣ озоданд) тибқи тавсияи мушовири байналмилалӣ ва бо назардошти хусусиятҳои фаъолият, хоҷагиҳои коллективии деҳқонӣ, хоҷагиҳои инфиродии деҳқонӣ ва ташкилотҳои саноатӣ интихоб карда шуданд.

Дар натиҷа, шумораи умумии воҳидҳои тадқиқшаванда 4300 субъектҳои ташкилоти кишоварзӣ ва муассисаҳои саноатиро ташкил дод.

Бо баназаргирии ин далел, ки андозадории воҳиди тадқиқшаванда ба андозаи ҷагиҳои коллективии деҳқонӣ ва хоҷагиҳои инфиродии деҳқонӣ таъсир мерасонад, мувофиқи мақсад эътироф гардид, ки субъектҳои хоҷагиҳои коллективии деҳқонӣ ва хоҷагиҳои инфиродии деҳқонӣ ба хелҳо ҷудо (яккачин), бо тарзи махсус ҷудо карда шаванд.

Вобаста ба гуруҳбандии субъектҳо ба гурӯҳҳо (стараҳо) бошад, ҳамаи воҳидҳои тадқиқшаванда бо дарназардошти ҳаҷми даромадҳо ба 4 гурӯҳ (страта) тақсим карда шуданд. Принсипи ташаккулёбии гурӯҳҳо (стратаҳо),

дар таъмини шумораи баробари воҳидҳои тадқиқмешуда дар ҳар як гурӯҳ(страта), асос ёфта буд, ки ба методологияи интихоби стратификатсияшуда мутобиқ аст.

**Ҷадвали 1**.

Тақсимоти интихоб аз рӯи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои саноатӣ барои гузаронидани тадқиқоти интихобии истифодабарандагони об дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016.

| | Ҳамагӣ | Аз ҷумла: | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Корхонаҳои саноатӣ | Муассисаҳои хоҷагии қишлоқ | аз онҳо: | |
| | | | | Хоҷагиҳои коллективи и деҳқонӣ | Хоҷагиҳои инфиродии деҳқонӣ |
| **Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ** | **4300** | **402** | **3898** | **1798** | **2100** |
| аз ҷумла: | | | | | |
| ш.Душанбе | 104 | 104 | - | - | - |
| Вилояти Суғд | 1430 | 148 | 1282 | 470 | 812 |
| Вилояти Хатлон | 1769 | 88 | 1681 | 829 | 852 |
| НТҶ | 997 | 62 | 935 | 499 | 436 |

Қайд кардан зарур аст, ки дар тадқиқот методи стратификатсияшудаи интихоб истифода шудааст. Дар марҳилаи якуми интихоб аз маҷмӯаии генералӣ тариқи формулаи зерин тартиб дода шуд.

$$n_h = n * \frac{N_h}{N}$$

Таносуби интихоб:

*ки дар он:*

*n – андозаи аввалияи (ҳадафӣ) интихоб мебошад,*

*$n_h$- андозаи интихоби гурӯҳи(страти) h аст,*

*$N_h$- андозаи Маҷмӯаи генералии гурӯҳи(страти) h,мебошад*

*N – андозаи Маҷмӯаи генералӣ(дар ҳолати мазкур – 3400 воҳид аст)*

Дар **марҳилаи дуюми** интихоб бо баназаргирии монандии шароити интихоб чун дар ҳолати интихоби тадқиқот, «қоидаи 7», истифода шуда буд. Мутобиқи меъёрҳои «қоидаи 7», бо мақсади таъмини репрезентативи будани интихоб аз рӯи ҳар як намуди фаъолият, ки дар он шумораи интихоб дар марҳилаи якум на камтар аз 7 буда, маҷмӯаи генералӣ бошад, дар маҷмӯъ 7 ва зиёда аз ин воҳидро ташкил дод, шумораи интихоб 7 интихоб гардид, зеро андозаи интихоби аз 7 поён репрезентативии кифояро барои страти аз воҳид ташкилшуда, таъмин карда наметавонад. Мақсаднокии усули охиринро(мазкур) бо таҳлилҳои илмӣ – эмпирикӣ тасдиқ карда шудаанд.

Барои ҷуброни ҳолатҳои пурра ба даст наовардани маълумот тавсия карда шуд, ки барои ҳаркадом гурӯҳ(страт), коэффитсиент барои пурра фаронагирӣ, истифода шавад.

Ҳамчун асоси методологӣ низомномаи асосӣ, принсипҳо ва тавсияҳо оиди амалияи зарурӣ «Дастурамал оиди банақшагирӣ ва гузаронидани тадқиқоти омории ташкилотҳо» -и аз тарафи Омори аврупо (Евростат) дар соли 2000 –ум таҳияшуда ва «Таҷрибаи гузаронидани тадқиқоти интихобӣ барои мутахассисон» -и аз ҷониби Бюрои баҳисобгирии ИМА таҳиягардида, истифода шудааст.

Ин методика дар муносибатҳои вобаста бо фаъолияти оморӣ оид ба гузаронидани мушоҳидаҳои интихобии оморӣ аз болои ташкилотҳо ва ба даст овардани маълумоти саҳеҳи оморӣ истифода мешавад.

Интихоби корхонаҳои саноатӣ аз 10 октябр то 30 октябри соли 2016 дар асоси маълумотҳои ҳисоботи солонаи соли 2015 амалӣ шуд. (22 ҳисоботи шакли солона). Оиди саноати истихроҷ ва коркард алоҳида интихоб гузаронида шуд.

Пасон, интихоби корхонаҳои саноатӣ марҳала ба марҳала аз рӯи ҳар як намудани фаъолияти иқтисодӣ ва аз рӯи ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда гузаронида шуда на камтар аз 80%-и ҳаҷм аз шумораи корхонаҳоро ташкил дод.

Дар маҷӯъ интихоб аз рӯи саноати истихроҷ 49 адад корхона аз миқдори умумӣ – 214-ро ташкил дод. Дар саноати коркард дар маҷмӯъ 353 ташкилот аз шумораи умумии ташкилотҳои саноатӣ - 2071 адад интихоб гардид(рӯйхат замима мегардад).

Рӯйхати ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ, ки ба онҳо муассисаҳои кишоварзии давлатӣ, кооперативҳои истеҳсолии кишоварзӣ, фирмаҳои аграрӣ, хоҷагиҳои ёрирасони саноатӣ, муассисаҳои нақлиётӣ ва дигар

корхонаю ташкилотҳо, хоҷагиҳои коллективии деҳконӣ дохил шуданд, ва дар онҳо пурсиш тариқи таҳқиқи сартосарӣ гузаронида шуда буд, тартиб дода шуд.

Дар хоҷагиҳои инфиродии деҳқонӣ интихоб аз шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар сатҳи ҷамоатҳои деҳот ба ҳолати 1.01.2016 - 1,5 фоизро ташкил дод. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои инфиродии деҳқонӣ дар маҷмӯъ, дар ҷумҳурӣ 2100 воҳид интихоб гардид, ки аз он: дар вилояти Суғд – 812; дар вилояти Хатлон – 852 ва НТҶ -436 воҳидро ташкил медиҳад.

Баъд аз ин, қитъаҳои кор ба 7 гурӯҳ тақсим карда шуд, ки дар ҳар як гурӯҳ шумораи респондентҳои барои пурсиш интихобшуда дар тақсимоти ҳар як ноҳия бо нишон додани шумора ва номи корхонаҳои саноатию кишоварзӣ, инчунин хоҷагиҳои деҳқонӣ  нишон дода шудааст (рӯйхати тақсимоти гурӯҳ замима мегардад).

***Тақсимоти гурӯҳҳои корӣ ба минтақаҳо тариқи зерин сурат гирифт***:

- *2 гурӯҳ* – ш. Душанбе ва НТҶ (13 ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ);
- *2 гурӯҳ* – дар вилояти Суғд;
- *3 гурӯҳ* – дар вилояти Хатлон.

**Ҷадвали 2.**

Тақсимоти интихобии корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ барои гузаронидани таҳқиқоти интихобӣ оиди истифодабарандагони об дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар соли 2016

| | Ҳамагӣ | аз ҷумла: | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Корхонаҳои саноатӣ | Хоҷагиҳои кишоварзӣ | аз онҳо: | |
| | | | | Хоҷагиҳои деҳқонӣ-коллективӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ - инфиродӣ |
| **Ҳамагӣ дар вилоят** | **1769** | **88** | **1681** | **829** | **852** |
| аз ҷумла: | | | | | |
| Кӯлоб | 85 | 9 | 76 | 26 | 30 |
| Балҷувон | 23 | 1 | 22 | 18 | 4 |
| Восеъ | 91 | 5 | 86 | 48 | 38 |
| Муъминобод | 77 | - | 77 | 22 | 55 |
| МСА Ҳамадонӣ | 98 | 8 | 90 | 34 | 56 |
| Фархор | 151 | 2 | 149 | 85 | 64 |
| Ховалинг | 37 | 4 | 33 | 13 | 20 |
| Темурмалик | 31 | - | 31 | 20 | 11 |
| Ш.Шоҳин | 49 | 2 | 47 | 7 | 40 |
| Данғара | 40 | 7 | 33 | 9 | 24 |
| Хуросон | 48 | 1 | 47 | 23 | 24 |
| А.Ҷомӣ | 55 | 1 | 54 | 18 | 36 |
| Бохтар | 151 | 4 | 147 | 127 | 20 |
| Вахш | 98 | 1 | 97 | 10 | 87 |
| Сарбанд | 16 | 3 | 13 | 11 | 2 |
| Дӯстӣ | 50 | 3 | 47 | 14 | 33 |
| Ҷ.Балхӣ | 96 | 4 | 92 | 47 | 45 |
| Ҷайҳун | 87 | 1 | 86 | 38 | 48 |
| Панҷ | 95 | - | 95 | 16 | 79 |
| Шаҳритус | 98 | 5 | 93 | 71 | 22 |
| Қубодиён | 62 | 1 | 61 | 31 | 30 |
| Н.Хусрав | 39 | - | 39 | 15 | 24 |
| Ёвон | 168 | 10 | 158 | 102 | 56 |
| Норак | 18 | 6 | 12 | 9 | 3 |
| Қӯрғонтеппа | 26 | 10 | 16 | 15 | 1 |

**Ҷадвали 3.**

Тақсимоти интихобии корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ барои гузаронидани таҳқиқоти интихобӣ оиди истифодабарандагони об дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар соли 2016

| | Ҳамагӣ | аз ҷумла: | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Корхонаҳои саноатӣ | Хоҷагиҳои кишоварзӣ | аз онҳо: | |
| | | | | Хоҷагиҳои деҳқонӣ-коллективӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ - инфиродӣ |
| **Ҳамагӣ дар вилоят** | **1430** | **148** | **1282** | **470** | **812** |
| аз ҷумла: | | | | | |
| Хуҷанд | 52 | 52 | - | - | - |
| Гулистон | 9 | 9 | - | - | - |
| Бӯстон | 9 | 9 | - | - | - |
| Ашт | 89 | 2 | 87 | 23 | 64 |
| Айнӣ | 58 | 4 | 54 | 40 | 14 |
| Деваштич | 38 | 2 | 36 | 15 | 21 |
| Зафаробод | 77 | 2 | 75 | 22 | 53 |
| Исфара | 286 | 15 | 271 | 72 | 199 |
| Конибодом | 144 | 6 | 138 | 51 | 87 |
| Мастчоҳ | 72 | 3 | 69 | 7 | 62 |
| Спитамен | 39 | 10 | 29 | 15 | 14 |
| Ҷ.Расулов | 53 | 2 | 51 | 27 | 24 |
| Панҷакент | 78 | 4 | 74 | 21 | 53 |
| Истаравшан | 133 | 4 | 129 | 30 | 99 |
| Б.Ғафуров | 175 | 24 | 151 | 72 | 79 |
| Шаҳристон | 70 | - | 70 | 41 | 29 |
| К.Мастчоҳ | 48 | - | 48 | 34 | 14 |

**Ҷадвали 4.**

Тақсимоти интихобии корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ барои гузаронидани таҳқиқоти интихобӣ оиди истифодабарандагони об дар шаҳру ноҳияҳои НТҶ дар соли 2016

| | Ҳамагӣ | аз ҷумла: | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Корхонаҳои саноатӣ | Хоҷагиҳои кишоварзӣ | аз онҳо: | |
| | | | | Хоҷагиҳои деҳқонӣ-коллективӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ - инфиродӣ |
| **Ҳамагӣ дар НТҶ** | **997** | **62** | **935** | **499** | **436** |
| аз ҷумла: | | | | | |
| Турсунзода | 62 | 9 | 53 | 24 | 29 |
| Ҳисор | 142 | 8 | 134 | 83 | 51 |
| Шаҳринав | 43 | 2 | 41 | 26 | 15 |
| Рӯдакӣ | 145 | 22 | 123 | 58 | 65 |
| Варзоб | 31 | 3 | 28 | 18 | 10 |
| Ваҳдат | 231 | 11 | 220 | 115 | 105 |
| Файзобод | 74 | 2 | 72 | 25 | 47 |
| Нуробод | 59 | - | 59 | 46 | 13 |
| Сангвор | 13 | - | 13 | 6 | 7 |
| Рашт | 90 | 3 | 87 | 52 | 35 |
| Тоҷикобод | 46 | - | 46 | 27 | 19 |
| Лахш | 39 | - | 39 | 15 | 24 |
| Роғун | 22 | 2 | 20 | 4 | 16 |

## ГУРӮҲИ 1

**Супервайзер Давлатов С.М.**

Тақсимоти интихобии корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ барои гузаронидани таҳқиқоти интихобӣ оиди истифодабарандагони об дар шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои НТҶ дар соли 2016

| | Ҳамагӣ | аз ҷумла: | | аз онҳо: | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Корхонаҳои саноатӣ | Хоҷагиҳои кишоварзӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ-коллективӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ - инфиродӣ |
| Ҳамагӣ | 527 | 148 | 379 | 209 | 170 |
| аз ҷумла: | | | | | |
| ш.Душанбе | 104 | 104 | - | - | - |
| Турсунзода | 62 | 9 | 53 | 24 | 29 |
| Ҳисор | 142 | 8 | 134 | 83 | 51 |
| Шаҳринав | 43 | 2 | 41 | 26 | 15 |
| Рӯдакӣ | 145 | 22 | 123 | 58 | 65 |
| Варзоб | 31 | 3 | 28 | 18 | 10 |

## ГУРӮҲИ 2

**Супервайзер Нуъмонов М.Н.**

Тақсимоти интихобии корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ барои гузаронидани таҳқиқоти интихобӣ оиди истифодабарандагони об дар шаҳру ноҳияҳои НТҶ дар соли 2016

| | Ҳамагӣ | аз ҷумла: | | аз онҳо: | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Корхонаҳои саноатӣ | Хоҷагиҳои кишоварзӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ-коллективӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ - инфиродӣ |
| **Ҳамагӣ** | **574** | **18** | **556** | **290** | **266** |
| аз ҷумла: | | | | | |
| Ваҳдат | 231 | 11 | 220 | 115 | 105 |
| Файзобод | 74 | 2 | 72 | 25 | 47 |
| Нуробод | 59 | - | 59 | 46 | 13 |
| Сангвор | 13 | - | 13 | 6 | 7 |
| Рашт | 90 | 3 | 87 | 52 | 35 |
| Тоҷикобод | 46 | - | 46 | 27 | 19 |
| Лахш | 39 | - | 39 | 15 | 24 |
| Роғун | 22 | 2 | 20 | 4 | 16 |

## ГУРӮҲИ 3

**Супервайзер Ҳамроев Б.**

Тақсимоти интихобии корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ барои гузаронидани таҳқиқоти интихобӣ оиди истифодабарандагони об дар дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар соли 2016

| | Ҳамагӣ | аз ҷумла: | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Корхонаҳои саноатӣ | Хоҷагиҳои кишоварзӣ | аз онҳо: | |
